

**26.03.2018 23:50, шахри Душанбе**

Имрӯз Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо Президенти Чумхурии Полша Анчей Себастян Дуда, ки дар рохи бозгашт аз Афгонистон дар фурудгохи байналмилалии Душанбе таваккуфи кутохи транзитӣ кард, мулокоти корӣ анчом доданд.

Сарони ду давлат муносибатхои Точикистону Полшаро баррасӣ карда, оид ба баъзе масъалахои мубрами минтакавию байналмилалӣ табодули андеша намуданд.

Президенти Чумхурии Полша Андрей Дуда ба Сарвари давлати мо барои пазироии гарм изхори сипос карда, ба мардуми Точикистон сулху субот ва шукуфоии минбаъдаро орзу кард.